# Суратҷаласаи №5

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-031 оид ба ҳимояи диссертатсия барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктори ихтисос, номзади илм дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

аз 25 сентябри соли 2023    ш. Душанбе

оғози ҷаласа: $14^{00}$
анҷоми ҷаласа: $16^{04}$

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ иштирок доштанд 9 нафар, аз он ҷумла 4 нафар доктори илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси рисолаи баррасишаванда.

25 сентябри соли 2023,, соати $14^{00}$ дар толори Шӯрои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино», (734026, ш. Душанбе, кучаи Сино 29-31) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-008 баргузор гардид.

Рӯзнома:

Ҳимояи расмии диссертатсияи Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Таҳияи таркиб ва технологияи шакли дору дар асоси моддаҳои фаъоли биологии чойкаҳаки шахшул, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 –Технологияи тавлиди доруворӣ

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Азонов Ҷ.А. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мусозода Сафол Мираҳмад, доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессори кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

-Олимов Немат Қаюмович доктори илмҳои, фарматсевтӣ профессор, мудири кафедраи фармакогнозия ва стандартизатсияи маводи дорувории Институти фарматсевтии Тошканд;

-Муҳидинов Зайниддин Қамарович, доктори илмҳои химия, профессор, сарходими илмии лабораторияи пайвастагиҳои калонмолекулаи Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда-** Муассисаи илмию таҳқиқотии "Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ"-и АМИТ.

Ахбори котиби илмии шуро Юлдашева У.П. дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шунида шуд.

Рабиев Р.М. мазмуни рисолаи номзадиашро пешниҳод намуд. Ба унвонҷӯ 14 савол дода шуд, аз ҷониби: д.и.х. Раҷабов У.Р., д.и.т. Шарофова М.У., д.и.х. Муҳиддинов З.Қ., н.и.т. Урунова М.В., н.и.т. Юлдашева У.П. ва д.и.т. Азонов Ҷ.А. Ба ҳамаи саволҳо унвонҷӯ ҷавобҳои мукаммал гардонид.

Суханронии роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессор Мусозода Сафол Мираҳмад шунида шуд.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ хулосаи муассисае, ки рисола дар он ҷо ба анҷом расонида шудааст, матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда ва тақризҳое, ки ба автореферат дода шуда буданд, қироат намуд. Ҳамаи шарҳҳо мусбатанд, эродҳо вуҷуд надоранд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Рабиев Р.М. ба эродҳои муассисаи тақриздиҳанда ва тақризҳо ҷавоб гуфт.

**Муқарризони расмӣ:** Олимов Немат Қаюмович доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессор, мудири кафедраи фармакогнозия ва стандартизатсияи маводи дорувории Институти фарматсевтии Тошканд ва Муҳидинов Зайниддин Қамарович, доктори илмҳои химия, профессор, сарходими илмии лабораторияи пайвастагиҳои калонмолекулаи Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ низ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Рабиев Р.М. ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия д.и.ф., профессор Сидаметова З., д.и.ф., профессор, академики академияи илмҳои Украина Шпичак О.С, д.и.х., профессор Раҷабов У.Р., д.и.х., профессор Муҳиддинов З.Қ. ва н.и.ф. дотсент Сафарзода Р.Ш., иштирок карданд.

Сухани хотимавии довталаби дараҷаи илмӣ Рабиев Р.М. шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо - д.и.хим. профессор Муҳиддинов З.Қ. (раис), д.и.тиб., профессор Шарофова М.У. ва н.и.ф., дотсент Сафарзода Р.Ш. (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар ҳузур доштанд ва аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия буданд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор 9, муқобил нест, бетараф нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич додани дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ қабул гардид.

**ҚАРОР**

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-031 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино аз 25 сентябри 2023.

Бо шунидани маърӯзаи рисолаи Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Таҳияи таркиб ва технологияи шакли дору дар асоси моддаҳои фаъоли биологии чойкаҳаки шахшул, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз руйи ихтисоси 14.04.01- Технологияи тавлиди доруворӣ.

Баромади Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Таҳияи таркиб ва технологияи шакли дору дар асоси моддаҳои фаъоли биологии чойкаҳаки шахшул, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз руйи ихтисоси

14.04.01- Технологияи тавлиди доруворӣ, (роҳбари илмӣ, д.и.ф., профессор Мусозода С.М., тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақризҳо ба автореферати диссертатсия ва баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессор, мудири кафедраи фармакогнозия ва стандартизатсияи маводи доруворӣи Институти фарматсевтии Тошканд Олимов Немат Қаюмович ва доктори илмҳои химия, профессор, сарходими илмии лабораторияи пайвастагиҳои калонмолекулаи Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ Муҳидинов Зайниддин Қамарович, баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ - доктороні илмҳои фарматсевтӣ, профессорон аз рӯйи ихтисоси 14.04.01- Технологияи тавлиди доруворӣ Раҷабов У.Р., Муҳиддинов З.Қ. ва н.и.ф. дотсент Сафарзода Р.Ш.-ро шунида, муҳокима карда, шурои диссертатсионии 6D. КОА-031 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба даст овардаи Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич.

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Кори рисолаи Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Таҳияи таркиб ва технологияи шакли дору дар асоси маддаҳои фаъоли биологии чойкаҳаки шахшул, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01- Технологияи тавлиди доруворӣ кори илмӣ-квалификатсионии ба анҷомрасида буда, ба ҳамаи талаботи фасли 3, бандҳои 31, 33 ва 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо ба дараҷаи кофӣ инъикос мекунанд.

3. Ба Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01- Технологияи тавлиди доруворӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ намудани қарори мазкури Шӯрои диссертатсионӣ дархост карда шавад.

Азонов Ҷ.А. – раиси Шӯрои диссертатсионӣ унвонҷӯро табрик гуфта, ба роҳбари илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кумакашон дар кори Шӯрои диссертатсионӣ изҳори сипос намуд.

**Раиси шурои диссертатсиони,**
**доктори илмҳои тиб, профессор** **Азонов Ҷ.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсиони,**
**номзоди илмҳои тиб, дотсент** **Юлдашева У.П.**

**25.09.2023 с.**

МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО" ГОУ "ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕДИЦИНСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ имени АБУАЛИ ИБНИ СИНО"

МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО" ГОУ "ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕДИЦИНСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ имени АБУАЛИ ИБНИ СИНО" 2
РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Азонов Ҷ.А., Юлдашева У.П.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
"____" ____________ 20___ с/г